**П Р О Т О К О Л И**

*маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои вируси норасоии масунияти одам/аломати норасоии масунияти бадан (ВИЧ/СПИД), сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

аз 10 августи соли 2007 № 5

**Раиси маҷлис:** Мавлонова Х.Ю – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВИЧ\СПИД, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Иштирок намуданд:** 16 нафар аъзои Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ: (бо сабабҳои узрнок 3 нафар аъзои Кумита ҳузур надоштанд).

**Даъватшудагон:**

Юнусова З.И. – мудири Шӯъбаи тандурустӣ, оид ба масъалаҳои занон ва оилаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сантино Северони – намояндаи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон, Виниченко Т. – роҳбари лоиҳаи «ХОУП» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Латипов А.Л. – ҳамоҳангсози миллии Лоиҳаи назорати СПИД дар Осиёи Марказӣ, Ҳомидова А.- мутахассис оиди лоиҳаҳои тандурустии ЮСАИД, Рӯзиев М.М. – директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза зидди СПИД, Сайдалиев С.С. – директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сил, Шарипов А.Ш. – директори Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим, Давлатов М. – муовини директори Маркази давлатии назорати фаъолияти фармасевтӣ ва тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***<u>Рӯзномаи маҷлис</u>*:**

1) Тасдиқи Нақшаи миллии арзёбӣ ва баҳодиҳӣ оид ба иҷрои карори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007 №86 «Барномаи мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2010»

2) Иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2002, №524 «Дар бораи Барномаи мубориза бар зидди бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2010» дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон

3) Иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2003 таҳти №84 «Дар бораи Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2010» дар вилояти Суғд

4) Вазъи манбаи моддию техникии ташхисгоҳҳои (лабораторияҳо) марказҳои пешгирии бемориҳои ВИЧ ва сил дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Рашт, Ваҳдат, Турсунзода, Хуҷанди вилояти Суғд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Шаҳритуси вилояти Хатлон, Хоруғи ВМКБ

5) Тасдиқи ҳайати Кумитаи миллии баҳодиҳии техникии пешниҳодҳои грантӣ ва ҳайати ҳакамон (жюри) оид ба баҳодиҳии маводҳои иттилоотӣ вобаста ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД

Ҳозиринро бо мазмуну мундариҷаи рӯзномаи маҷлис Мавлонова Х.Ю. – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ шинос намуданд.

Оид ба масъалаи аввали рӯзнома Котиби КМҲ - Ғоибов А., ахборот дод (замима мегардад).
**Баромад карданд:** Ашӯров С., Комилова С.

Оид ба масъалаи дуюми рӯзнома директори Маркази ҷумҳуриявии зидди бемории сил Сайдалиев С.С ахборот доданд (замима мегардад).
**Баромад карданд:** Юнусова З., Шамсов А., Сантино Северони.

Дар бораи масъалаи сеюм – аъзоёни кумитаро директори Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим Шарипов А.Ш. шинос намуда, мақсаду маром ва мӯҳтавои онро ба таври возеҳу равшан баён карданд (замима мегардад).
**Баромад карданд:** Юнусова З., Виниченко Т. Комилова С., Ашӯров С., Шамсов А.

Дар бораи масъалаи чорум муовини директори Маркази давлатии назорати фаъолияти фармасевтӣ ва тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов М. аъзоёни кумитаро шинос намуданд (замима мегардад).
**Баромад карданд:** Мирзоев А., Рӯзиев М., Хидиров М., Шоназаров А., Ғоибов А.

Дар бораи масъалаи панҷум ҳамоҳангсози миллии Лоиҳаи назорати СПИД дар Осиёи Марказӣ Латипов А.Л. аъзоёни кумитаро шинос намуданд (замима мегардад).
**Баромад карданд:** Сантино Северони, Ғоибов А.

Маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза **қ а р о р  м е к у н а д:**

1. Нақшаи пешниҳодгардидаи миллии арзёбӣ ва баҳодиҳӣ оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007 №86 «Дар бораи Барномаи мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2010» тасдиқ карда шавад.

2. Вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати татбиқи нақшаи мазкур тадбирҳо андешанд.

3. Ҳайати пешниҳодшудаи Кумитаи миллии баҳодиҳии техникии пешниҳодҳои грантӣ ва ҳайати ҳакамон (жюри) оид ба баҳодиҳии маводҳои иттилоотӣ вобаста ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД тасдиқ карда шавад.

4. Ба ҳамоҳангсозии миллии Лоиҳаи назорати СПИД дар Осиёи Марказӣ супорида шавад, ки ҷиҳати пурра намудани ду воҳиди кории озод, ки барои Котиботи КМҲ ҷудо шудааст, чораҳои зарурӣ андешад.

5. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати хизматрасонии босифат нисбати бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза чораҳои амалӣ андешад;
- фаъолияти ҳуҷраҳои ташхиси бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар асоси меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ ба роҳ монда, бо таҷҳизотҳои иловагӣ таъмин намояд;
- ҷиҳати бозомӯзии кормандони ташхисгоҳҳо чораҳои зарурӣ андешида, курсҳои такмили ихтисос дар ташхисгоҳҳои ҷумҳуриявӣ ташкил намояд;
- оиди ба кор даровардани ташхисгоҳи ПСР (ташхиси полимеразии занҷирӣ) дар Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза зидди СПИД ва тайёр намудани мутахассисон чораҳои таъхирнопазир андешад;
- дар ташхисгоҳҳои марказҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятии мубориза оид ба бемориҳои сил усули киштн микобактерияи сил, мутобиқати он ба доруҳои зиддисилиро ба роҳ монда монад;
- ҳолати паҳншавии нашъамандии тазриқӣ ва фаъолияти утоқҳои маслиҳатҳои дӯстона барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳли оилаи онҳоро дар ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар мавриди зарурӣ дар ноҳияҳои алоҳида ҷиҳати кушодани нуқтаҳои нави боварӣ барои нашъамандони тазриқӣ ва шахсоне, ки хизмати алоқаи ҷинсӣ мерасонанд тадбирҳо андешад;
- утоқҳои маслиҳатҳои дӯстона барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳли оилаи онҳоро аз диспансерҳои бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ ҷудо намояд;
-
-

- фарогирии беморони ВИЧ/СПИД-ро бо табобати зиддивирусӣ васеъ намуда, диққати асосиро ба гирифторони бемороне, ки ҳам бемории ВИЧ/СПИД ва ҳам сил доранд равона намояд;
- фаъолияти кори марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солимро ҷоннок намуда, ба сифат ва миқдори маводҳои таълимӣ, таҳияи барномаҳо дар воситаи ахбори омма ва ташкили намоишҳо таваҷӯҳҳи махсус зоҳир намояд.

6. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои санитарию маърифатиро оид ба тарзи ҳаёти солим дар байни донишҷӯёни мактабҳои олӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ тавассути татбиқи барномаҳои таълимию тарбиявӣ пурзӯр намояд.

7. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими ҳайати шахси кормандони соҳаро оид ба масъалаҳои пешгирии ВИЧ/СПИД ба роҳ монда, дар ин самт корҳои пешгириро беҳтар намояд.

8. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани назорати дидбони эпидемиологӣ дар байни маҳбусон мусоидат намуда, маҳбусони гирифтори ВИЧ/СПИД-ро ба муолиҷаи ройгон фаро гирад.

9. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кори санитарию маърифатиро дар байни ҳайати кадрии артиш ва хизматчиёни ҳарбӣ пурзӯр намояд;
- муолиҷаи дастрас ва сифатноки беморони ВИЧ/СПИД ва мубталои сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (ИРҶГ)-ро мунтазам ташкил намояд.

10. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои махсусро тавассути матбуот, радио ва телевизион оид ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза ташкил ва пахш намоянд.

11. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили сиёсати пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории норасоии муҳассали масуният (ВИЧ/СПИД)-ро дар ҷойҳои кории ташкилоту муассисаҳо новобаста ба шакли моликият таъмин намояд.

12. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба беҳтар намудани маблағгузории буҷетӣ ва мувофиқи меъёри вуҷуддошта таъмини марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим бо воҳидҳои корӣ тадбирҳо андешанд.

13. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо мақсади вусъатбахшии дастрасии умумӣ, пешгирӣ, муолиҷа ва дастгирии шахсони сироятёфтаи ноҳияҳои Мастчоҳ, Ғончӣ, Зафаробод ва Шаҳристон дар маркази ноҳияи Истравшан кушодани ташхисгоҳи байниноҳиявиро то охири соли ҷорӣ баррасӣ намояд.

14. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷиҳати барқарор намудани осоишгоҳи зидисилии ҷумхуриявӣ воқеъ дар ноҳияи Мӯъминобод бударо, ки барои шахсони бемории силро аз сар гузаронида мувофиқ гардонида шуда буд, чораҳо андешад.

13. Котиботи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳавӣ ва аъзоёни Кумита гурӯҳи корӣ оиди омӯзиш ва ҷорӣ намудани муолиҷаи ивазкунанда дар байни нашъамандони тазриқӣ барои ташкил додани нуқтаҳои пилотӣ созмон дода, дар муддати ду моҳ хулосаҳои худро ба Кумита пешниҳод намояд.

14. Назорати иҷрои протоколи мазкур ба зиммаи Котиботи иҷроияи Кумитаи мазкур гузошта шавад.

Муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
раиси Кумитаи
миллии ҳамоҳангсозӣ                    Х. Ю. Мавлонова